**ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
# Дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.330)**

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки ҳангоми омода кардан, гузаронидан ва ҷамъбаст намудани натиҷаи барӯйхатгирии аҳолӣ ба миён меоянд, танзим менамояд.

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

**- барӯйхатгирии аҳолӣ** – мушоҳидаи мунтазаму пурраи давлатии оморӣ, ки дар рафти он маълумот дар бораи шумора ва ҳайати аҳолии дар санаи муайянкарда ҷамъ оварда, коркард ва ҷамъбаст карда мешавад;

**- маълумот дар бораи аҳолӣ** – маълумоте, ки мувофиқи номгӯйи саволҳо дар бораи аҳолӣ ҷамъ карда мешавад;

**- гурӯҳи барӯйхатгирии аҳолӣ** – гурӯҳи шаҳрвандон, ки омӯзиши махсусро гузаштаанд ва барои омода кардан, гузаронидан ва ҷамъбаст намудани натиҷаи барӯйхатгирии аҳолӣ ҷалб карда шудаанд;

**- ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирии аҳолӣ** – маҷмӯи ҳуҷҷатҳои махсуси намунаи маъмул, аз ҷумла варақаи дорои шакли муайяни барӯйхатгирии аҳолӣ, ки барои омода кардан, гузаронидан ва ҷамъбаст намудани натиҷаи он истифода бурда мешаванд.

- **баӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ – қисми муҳими таркибии чараёни банақшагирии барӯйхатгирии аҳолӣ мебошад, ки имконияти санҷидани ҳама ҷабҳаҳои барномаи барӯйхатгирии аҳолиро то баргузории барӯйхатгирии асосӣ таъмин намуда, ба ин васила кори беист ва муваффақияти баргузории барӯйхатгирии аҳолиро муҳайё менамояд. (ҚҶТ аз 21.07.10.№635)**

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Мақсад ва принсипҳои асосии барӯйхатгирии аҳолӣ**

1. Мақсади барӯйхатгирии аҳолӣ ин дастрас намудани маълумот дар бораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои таҳияи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, ҳисоботи ҷорӣ, пешгӯии шумора ва ҳайати аҳолӣ, омӯзиш, ҷойгиронӣ ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ, гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ мебошад.

2. Барӯйхатгирии аҳолӣ бо риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дахлнопазирии ҳаёт ва манзили шахс, ки онро Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат додааст, гузаронида мешавад.

3. Барӯйхатгирии аҳолӣ дар асоси принсипҳои зерин сурат мегирад:

- асоси илмӣ;
- даврият;
- умумият ва якмуддатӣ;
- махфияти маълумотҳои шахсӣ;

- дастрас ва ошкоро будани ҷамбасти он.

**Моддаи 4. Даврият ва мӯҳлати гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ**

1. Барӯйхатгирии аҳолӣ на камтар аз як маротиба дар даҳ сол ё ҳангоми барӯйхатгирии навбатии аҳолии ҷаҳон гузаронида мешавад.

2. Қарор дар бораи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва мӯҳлати он на дертар аз 5 сол то оғози барӯйхатгирӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

3. **Барӯйхатгирии санҷиши аҳолӣ бо пешниҳоди мақомоти ваколатдор, мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз ду сол то баргузории аҳолӣ дар як ё якчанд воҳиди ҳудуди маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.**

**4. Мақсади асосии барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ санҷида баромадани лоиҳаи барномаи барӯйхатгирӣ, усулҳои барӯйхатгирии аҳолӣ, чорабиниҳои асосӣ оид ба тайёрӣ ва гузаронидани он мебошад. (ҚҶТ аз 21.07.10.№635)**

**Моддаи 4[1]. Нақшаи тақвимии чорабиниҳо доир ба тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ**

**Нақшаи тақвимии чорабиниҳо доир ба тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ аз номгӯи асосии чорабиниҳои ташкилӣ барои ҳар як марҳилаи кор оид ба тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ, мӯҳлати иҷрои онҳо, инчунин номгӯи мақомоти давлатие, ки дар асоси Қонуни мазку рва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои онҳо мутасаддианд, иборат аст. (ҚҶТ аз 21.07.10.№635)**

**Моддаи 5. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ**

1. Масъулияти омода кардан, гузаронидан, коркард, ҷамъбаст намудани натиҷаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва интишори маълумот дар бораи ҷамъбасти натиҷаи он ба зиммаи мақоми ваколатдори давлатии омор ва сохторҳои маҳаллии он, ҳамчунин ба дигар мақомоти ҳокимияти давлатие, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегарданд, гузошта мешавад.

2. Барои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқиашон ҷиҳати омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ комиссияи мусоидат ба барӯйхатгирии аҳолӣ ташкил карда мешавад. Низомнома «Дар бораи комиссияи мусоидат ба барӯйхатгирии аҳолӣ»-ро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

3. Мақомоти ҳокимияти давлатие, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд, барои гузаронидани барӯйхатгирии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, ки дар моддаи 7 Қонуни мазкур нишон дода шудаанд, масъул мебошанд.

4. Мақоми ваколатдори давлатии омор дар давраи омода кардан, гузаронидан ва ҷамъбаст намудани натиҷаи барӯйхатгирии аҳолӣ ҳуқуқ дорад:

- масъалаҳои вобаста ба омода кардан ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолиро баррасӣ намояд;
- ба ин маърака дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, корхонаю муассиса ва ташкилотҳоро новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқиашон ҷалб намояд.

Мақоми ваколатдори давлатии омор ӯҳдадор аст:

- махфияти маълумотҳои шахсиро таъмин намояд;
- захираҳои моддию техникиро ба ин мақсад ҷудо намояд;
- интихоб ва омӯзиши махсуси ҳайати гурӯҳи барӯйхатгириро якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъмин намояд;
- аҳолиро сари вақт аз мақсаду вазифаҳо ва мӯҳлати гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ бохабар намояд.

5. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи салоҳияти худ вазифадоранд:

- барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва иҷрои салоҳияташон ба мақомоти ваколатдори давлатии омор ва сохторҳои маҳаллии он, ба гурӯҳи барӯйхатгирии аҳолӣ, ки ба ин кор масъуланд, кӯмак расонанд;

- номгӯй ва ҳудудҳои марзиву маъмуриро муайян карда, онҳоро бо аломатҳои роҳнамои дорои номи кӯчаҳо ва рақами хонаҳо таъмин намоянд;

- ҳуҷҷатҳои зарурии картографиро пешниҳод намоянд;

- гурӯҳи баруйхатгирии аҳолиро бо ҳуҷраи барои кор мувофиқ, бо воситаҳои алоқа таҷҳизонидашуда ва нақлиёт таъмин намоянд;

- аҳолии маҳалро ба ҳайати гурӯҳи барӯйхатгирии аҳолӣ ҷалб намоянд.

6. Ҳайати гурӯҳи барӯйхатгирии аҳолиро раиси шаҳр ё ноҳия бо пешниҳоди роҳбари шӯъбаи дахлдори омор тасдиқ менамояд.

**Моддаи 6. Маълумот дар бораи аҳолӣ ва тартиби ҷамъ кардани он**

1. Варақаи барӯйхатгирии аҳолӣ чунин маълумотҳои шахси ба рӯйхат гирифташавандаро дар бар мегирад:

- ҷинс;
- синну сол;
- сана ва ҷои таваллуд;
- миллат;
- забони модарӣ;
- донистани дигар забонҳо;
- шаҳрвандӣ;
- ҳолати оилавӣ;
- шумораи фарзандон;
- таҳсилот;
- ҷои зист;
- фаъолияти муҳоҷиратӣ;
- шароити манзилӣ;
- манбаъи воситаҳои зиндагӣ;
- шуғл.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба варақа мумкин аст дигар маълумотҳо низ ворид карда шаванд.

2. Ба номгӯи маълумотҳо дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ ворид намудани маълумотҳои дорои сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ва дигар сирре, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимоя карда мешаванд, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро поймол ё маҳдуд мекунанд, мумкин нест. Ҷамъ намудани маълумоти дар нақшаи барӯйхатгирии аҳолӣ пешбининашуда, ҳамчунин маҷбур намудани шахсони мавриди пурсиш қароргирифта дар бораи пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ манъ аст.

3. Ҷамъ намудани маълумот дар бораи аҳолӣ аз тарафи ҳайати гурӯҳи барӯйхатгирӣ бо роҳи пурсиш, пур кардани варақаи барӯйхатгирӣ, аз назар гузаронидани манзилҳо ва биноҳои ғайриистиқоматӣ, ки шахси мавриди пурсиш қароргирифта зиндагӣ мекунад ё бо истифода аз воситаҳои алоқа гузаронида мешавад.

Маълумот нисбати шахсоне, ки ҳангоми гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ дар ҷои зист ҳузур надоранд, муваққатан дар хориҷи кишваранд, ноболиғон, кӯдакони васоятдор ва ё бепарастор аз тарафи шахсони болиғи хоҷагӣ, васиён, парасторон ва мақомоти дахлдори давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

4. Пурсиши аҳолӣ ва пур кардани варақаи барӯйхатгирии аҳолӣ ба забони давлатӣ ё русӣ сурат мегирад.

**Моддаи 6[1]. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони мавриди пурсиш қароргирифта**

**1. Шахсони мавриди пурсиш қароргирифта ҳуқуқ доранд, аз шахсони ҳайати гурӯҳи барӯйхатгирии аҳолӣ шаҳодатномаи мувофиқро талаб кунанд ва дар сурати пешниҳод накардани чунин шаҳодатнома ба саволҳои варақаи барӯйхатгирии аҳолӣ ҷавоб надиҳанд. (ҚҶТ аз 21.07.10.№635)**

**2. Шахсони мавриди пурсиш қароргирифта ӯҳдадоранд барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ монеа нашаванд ва маълумоти муътамади инфиродиро мувофиқи варақаи барӯйхатгирии аҳолӣ пешниҳод намоянд. Барӯйхатгирии аҳолӣ хусусияти ҳатмӣ дошта, шахсони мавриди пурсиш қароргирифта наметавонанд аз ҷавоб додан ба саволҳои варақаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ саркашӣ кунанд. (ҚҶТ аз 21.07.10.№635)**

**Моддаи 7. Хусусиятҳои барӯйхатгирии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ**

1. Маълумоти шахсӣ дар бораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ки дар санаи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ дар сафоратхонаҳо, ташкилотҳои консулии дар хориҷа будаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, аъзои оилаи онҳо, ки ҳамроҳашон мебошанд, аз тарафи роҳбарияти сафоратхона ва ташкилотҳои консулӣ ҷамъ карда мешавад.

2. Ҷамъ кардани маълумоти шахсӣ дар бораи шахсоне, ки дар санаи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ хизмати ҳарбиро адо мекунанд, аз рӯи даъват дар хизмати ҳарбианд, хизматчиёни ҳарбие, ки мутобиқи шартнома адои хизмат мекунанд, аъзои оилаи онҳо, ки дар минтақаҳои махсус зиндагӣ доранд, ба зиммаи фармондеҳони қисмҳои ҳарбӣ аст.

3. Маълумоти шахсӣ дар бораи онҳое, ки дар санаи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ дар муассисаҳои махсуси бачагона ва барои ноболиғон, муассисахои хизматрасонии иҷтимоӣ, дар беморхонаҳо ва дигар муассисаҳои тиббӣ қарор доранд, аз тарафи роҳбарияти ин муассисаю ташкилотҳо ҷамъ оварда мешавад.

4. Ҷамъ кардани маълумоти шахсӣ дар бораи онҳое, ки дар санаи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ дар меҳмонхонаҳо, истироҳатгоҳу, пансионатҳо қарор доранд, ба зиммаи роҳбарияти ин муассисаю ташкилотҳо мебошад.

5. Маълумоти шахсӣ дар бораи онҳое, ки дар ҳабсхона, муассисаҳои ислоҳӣ ё табобати меҳнатӣ қарор доранд, аз тарафи роҳбарияти ин ташкилотҳо ҷамъ карда мешавад.

**Моддаи 8. Ҷамъбаст намудани натиҷаи барӯйхатгирии аҳолӣ**

1. Барӯйхатгирии аҳолӣ бо тартиб ва дар мӯҳлати муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст карда мешавад.

2. Маълумот дар бораи ҷамъбасти натиҷаи барӯйхатгирии аҳолӣ дар воситаҳои ахбори омма новобаста ба шакли моликияташон ройгон интишор мегардад.

**Моддаи 9. Нигоҳдории ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирии аҳолӣ**

1. Ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирии аҳолӣ дар бойгонӣ нигоҳ дошта мешаванд.

2. Маълумоте, ки дар рафти барӯйхатгирии аҳолӣ ҷамъ мегардад, фақат ба мақсадҳои ҳамин барӯйхатгирӣ истифода мешавад.

3. Маълумоти шахсии аз аҳолӣ ҷамъкардашуда махфӣ мебошад. Ин маълумот дар шакли ҷамъбаст интишор карда мешавад.

4. **Варақаҳои пуркардашудаи барӯйхатгирӣ дар бойгони мақомоти давлатии омор то 1 сол, маълумот дар бораи ҷамъбасти натиҷаи барӯйхатгирии аҳолӣ доимӣ нигоҳ дошта мешаванд. (ҚҶТ аз 21.07.10.№635)**

5. Истифодаи маълумоти аввалия ҳангоми баррасии парвандаҳои гражданӣ ва ҷиноятӣ аз тарафи мақомоти дахлдор манъ аст.

**Моддаи 10. Маблағгузории барӯйхатгирии аҳолӣ**

Хароҷоти омода кардан, гузаронидан, коркард ва ҷамъбаст намудани натиҷаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва интишори маълумот дар бораи натиҷаи он аз ҳисоби буҷети давлатӣ, ҳамчунин аз ҳисоби маблағҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ҷуброн карда мешавад.

**Моддаи 11. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 12. Аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 1998 «Дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №10, мод. 102; с. 2002, №11, мод.720) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 13. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш.Душанбе, 19 майи соли 2009,**
**№ 523**

**ЗАКОН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**О переписи населения**

**(Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2009 год, №5. ст.330)**

Настоящий Закон регулирует общественные отношения, возникающие в ходе подготовки, проведения и подведения итогов переписи населения Республики Таджикистан.

**Статья 1. Основные понятия**

В настоящем Законе применяются следующие основные понятия:

**- перепись населения** – систематическое сплошное государственное статистическое наблюдение, при проведении которого осуществляются сбор, обработка, обобщение сведений о населении, на определенную дату;

**- сведения о населении** – информация о населении, собираемая по перечню вопросов;

**- группа переписи населения** – граждане Республики Таджикистан, прошедшие специальное обучение и привлекаемые к подготовке, проведению и подведению итогов переписи населения;

**- документы переписи населения** – совокупность документов установленного образца, в том числе переписной лист установленной формы, используемых в ходе подготовки, проведения и подведения итогов переписи населения.

- **пробная перепись населения – важная составная часть процесса планирования переписи населения, обеспечивающая возможность проверки всех аспектов программы переписи до проведения основной переписи, тем самым обеспечивая бесперебойную работу и успех проведения переписи населения. (зрт 21.07.10. №635)**

**Статья 2. Законодательство Республики Таджикистан о переписи населения**

Законодательство Республики Таджикистан о переписи населения основывается на Конституции Республики Таджикистан и состоит из настоящего Закона, Закона Республики Таджикистан «О государственной статистике», других нормативных правовых актов Республики Таджикистан, а также международных правовых актов, признанных Таджикистаном.

**Статья 3. Цели и основные принципы проведения переписи населения**

1. Целью проведения переписи населения является получение информации о населении Республики Таджикистан, необходимой для разработки государственных прогнозов, концепций, стратегий и программ социально-экономического развития, текущих расчетов и прогнозирования численности и состава населения, изучения, размещения и использования трудовых ресурсов и осуществления научных исследований.

2.Перепись населения проводится с соблюдением прав и свобод человека и гражданина, неприкосновенности частной жизни и жилища, гарантированных Конституцией Республики Таджикистан.

3. Перепись населения проводится на основании следующих принципов:
- научная обоснованность;
- периодичность;
- всеобщность и одномоментность;
- конфиденциальность персональных данных;
- доступность и открытость итоговых данных.

**Статья 4. Периодичность, дата и срок проведения переписи населения**

1. Перепись населения проводится не реже одного раза в десять лет или при очередных мировых переписей населения.

**2. Период и сроки проведения переписи населения, определяться не позднее чем за 5 лет до начала переписи, Правительством Республики Таджикистан. (зрт 11.03.10. №604)**

**3. Пробная перепись населения проводится по предложению уполномоченного органа, согласно решению Правительства Республики Таджикистан не позднее чем за два года до проведения переписи населения в одной или нескольких административно – территориальных единицах Республики Таджикистан. (зрт 21.07.10. №635)**

**4. Основная цель проведения пробной переписи населения – это апробация проекта программы переписи населения, методов проведения переписи населения, основных мероприятий по ее подготовке и проведению. (зрт 21.07.10. №635)**

**Статья 4[1] Календарный план мероприятий по подготовке и проведению переписи населения**

**Календарный план мероприятий по подготовке и проведению переписи населения предусматривает перечень основных организационных мероприятий для каждого этапа по подготовке и проведению переписи населения, сроки их выполнения, а также наименования ответственных за их выполнение государственных органов в соответствии с настоящим Законом и постановлениями Правительства Республики Таджикистан. (зрт 21.07.10. №635)**

**Статья 5. Уполномоченный государственный орган по переписи населения**

1. Ответственность за подготовку, проведение, обработку, подведение итогов переписи населения и опубликование сведений о них возлагается на уполномоченный государственный орган по статистике и его территориальные структуры, а также иные государственные органы власти, определяемые Правительством Республики Таджикистан.

2. Для координации деятельности органов государственной власти, общественных объединений, предприятий, организаций, учреждений, независимо от организационно-правовой формы, связанных с подготовкой и проведением переписи населения, создаются комиссии содействия переписи населения. Положение «О комиссии содействия переписи населения» утверждается Правительством Республики Таджикистан.

3. Органы государственной власти, определенные Правительством Республики Таджикистан, являются ответственными за организацию переписи отдельных категорий населения, указанных в статье 7 настоящего Закона.

4. Уполномоченный государственный орган по статистике в период подготовки, проведения и подведения итогов вправе:

- рассматривать вопросы, связанные с подготовкой и проведением переписи населения;

- привлекать к этой кампании другие органы государственной власти, предприятия, учреждения и организации, независимо от организационно-правовой формы;

Уполномоченный государственный орган по статистике обязан:

- обеспечивать конфиденциальность персональных данных;

- выделять для этих целей материально-технические ресурсы;

- совместно с местными исполнительными органами государственной власти обеспечить подбор и специальное обучение членов группы переписи населения;

- заранее информировать население о целях, задачах, дате и сроках предстоящей переписи населения.

5. Местные исполнительные органы государственной власти в пределах своих полномочий обязаны:

- оказывать содействие уполномоченному государственному органу по статистике, их территориальным органам, группе переписи населения, ответственным за проведение переписи населения в осуществлении их полномочий;

- уточнять перечень и границы административно-территориальных образований и обеспечивать наличие в них указателей с названиями улиц, номерами домов, квартир;

- предоставлять необходимые картографические материалы;

- обеспечить группу переписи населения помещением, пригодным для работы и оборудованными средствами связи, и транспортными средствами;

- обеспечивать привлечение граждан, проживающих на соответствующих территориях, в состав группы переписи населения.

6. Состав группы переписи населения по представлению руководителя соответствующего отдела статистики утверждается председателем города, района.

**Статья 6.Сведения о населении и порядок их сбора**

1. Переписной лист содержит следующие данные о лице, подлежащем переписи населения:
- пол;
- возраст;
- дата и место рождения;
- национальность;
- родной язык;
- владение другими языками;
- гражданство;
- семейное положение;
- количество детей;
- образование;
- место жительства;
- миграционная активность;
- жилищные условия;
- источники средств существования;
- занятость.

В перечень сведений переписи населения по решению Правительства Республики Таджикистан могут быть дополнительно включены иные вопросы.

2. Не допускается включение в перечень сведений переписи населения данных, относящихся к государственной, коммерческой или иной охраняемой законодательством Республики Таджикистан тайне, ущемляющих либо нарушающих права и свободы человека и гражданина. Сбор персональных данных по вопросам, не предусмотренным программой переписи населения, а равно принуждение опрашиваемых лиц предоставить о себе дополнительные сведения, запрещается.

3. Сбор сведений о населении осуществляется группой переписи населения путем опроса населения и заполнения переписных листов при обходе жилых и нежилых помещений, в которых проживают опрашиваемые лица, либо с использованием средств связи.

Данные о лицах, отсутствующих в течение срока проведения переписи населения по месту жительства, в том числе временно пребывающих за границей, несовершеннолетних, лицах, над которыми установлены опека или попечительство, сообщаются совершеннолетними членами их домохозяйства, опекунами, попечителями и соответствующим государственными органами.

4. Опрос населения и заполнение переписных листов осуществляются на государственном или русском языке.

**Статья 6[1] Права и обязанности респондентов**

**1. Респонденты имеют право требовать от переписного персонала предъявления соответствующего удостоверения, а в случае отказа в предъявлении такого удостоверения не отвечать на вопросы переписных листов переписи населения. (зрт 21.07.10. №635)**

**2. Респонденты обязаны не препятствовать проведению переписи населения и предоставлять достоверные персональные данные согласно форме переписного листа.**

**Перепись населения носит обязательный характер и респонденты не могут отказываться отвечать на вопросы переписных листов. (зрт 21.07.10. №635)**

**Статья 7. Особенности переписи отдельных групп населения**

1. Сбор персональных данных о лицах, являющихся гражданами Республики Таджикистан и работающих на дату проведения переписи населения в дипломатических, консульских учреждениях Республики Таджикистан за границей, находящихся с ними членах их семей, осуществляется руководителями посольств и консульств.

2. Сбор персональных данных о лицах, являющихся на дату проведения переписи населения военнослужащими, проходящими военную службу по призыву, военнослужащими, проходящими военную службу по контракту, и членами их семей, проживающими на закрытых территориях, осуществляется командованием воинских частей.

3. Сбор персональных данных о лицах, проживающих (пребывающих) на дату проведения переписи населения в специализированных учреждениях для детей и несовершеннолетних, учреждениях социального обслуживания, больницах и иных организациях здравоохранения, осуществляется администрациями этих учреждений и организаций.

4. Сбор персональных данных о лицах, проживающих (пребывающих) на дату проведения переписи населения в гостиницах, санаториях, домах отдыха, пансионатах осуществляется администрациями этих организаций.

5. Сбор персональных данных о лицах, находящихся в местах содержания под стражей, в исправительных учреждениях либо лечебно-трудовых профилакториях, осуществляется администрациями этих организаций.

**Статья 8. Подведение итогов переписи населения**

1. Подведение итогов переписи населения осуществляется в порядке и сроки, которые устанавливаются Правительством Республики Таджикистан.

2. Итоги переписи населения являются доступными каждому и подлежат бесплатному опубликованию в средствах массовой информации, независимо от формы собственности.

**Статья 9. Хранение документов переписи населения**

1. Документация переписи населения подлежит архивному хранению.

2. Данные переписи населения используются исключительно в целях данной переписи населения.

3. Личная информация, собранная у населения, конфиденциальна. Эти данные публикуются только в виде итоговых данных.

**4. Заполненные переписные листы подлежат архивному хранению в уполномоченных государственных органах по статистике до 1 года, а итоговые данные переписи населения постоянно. (зрт 21.07.10. №635)**

5. Использование первичных материалов при рассмотрении гражданских или уголовных дел соответствующими органами запрещается.

**Статья 10. Финансирование переписи населения**

Финансирование расходов, связанных с подготовкой, проведением, подведением и опубликованием итогов переписи населения, осуществляется за счет средств государственного бюджета, а также иных источников, не запрещенных законодательством Республики Таджикистан.

**Статья 11. Ответственность за нарушение настоящего Закона**

Физические и юридические лица несут ответственность за нарушение настоящего Закона в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

**Статья 12. О признании утратившим силу Закона Республики Таджикистан «О переписи населения»**

Закон Республики Таджикистан от 22 мая 1998 года «О переписи населения» (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1998г., №10, ст.102; 2002г. №11, ст.720) признать утратившим силу.

**Статья 13. Порядок введения в действие настоящего Закона**

Настоящий Закон ввести в действие после его официального опубликования.

**Президент**
**Республики Таджикистан** **Эмомали Рахмон**
**г. Душанбе, 19 мая 2009 года,**
**№523**